5.2.4. Молия
5.2.4. Финансы
5.2.4. Finance

УДК 336 (575.3)
ББК 65.9 (5Т)-93
И 53

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СОХТОРИ БОЗОРИ МОЛИЯ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

***Иномова Дилнозахон Илҳомовна** - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи молия ва қарз, е -mail:inomovadilnoza@mail.ru*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СТРУКТУРЫ ФИНАНСОВОГО РЫНКА В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

***Иномова Дилнозахон Илхомовна** - соискатель Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кафедры финансы и кредит, е -mail:inomovadilnoza@mail.ru*

# THEORETICAL ASPECTS OF THE STRUCTURE OF THE FINANCIAL MARKET IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS

***Inomova Dilnozakhon Ilhomovna** -Applicant, Tajik State University of Law, Business and Politics, department of finance and credit, e -mail:inomovadilnoza@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** бозори молиявӣ, бозори хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, сармоягузориҳо, хизматрасониҳои суғуртавӣ, воситаҳои молиявӣ.*

*Дар ташаккули рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар, нақши махсусро, қобилияти бозор барои сафарбар кардани миқдори зиёди сармояи озод ва фаъолият бо онҳо мебозад. Аз ин лиҳоз, дар мақола муаллиф як қатор масъалаҳоро, аз қабили: моҳият, объект ва субъекти бозори молиявӣ, сохтори бозори молия, унсурҳои бозори молия, нақши бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар рушди бозори молиявӣ ва ғайраҳо, тадқиқ намудааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки бозори хизматрасониҳои молиявӣ яке аз унсурҳои муҳими сохтории бозори молияро ташкил дода, пешниҳоди сифатноки хизматрасониҳо ба воситаи он имконияти рушди бозори молияи кишварро таъмин менамояд. Вобаста ба ин, муаллиф дар мақола сохтори бозори молияро аз нуқтаи назари институтсионалӣ баррасӣ намуда, ҷанбаҳои асосии назариявии ташаккули бозори хизматрасониҳои молиявиро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сохтори бозори молия муайян намудааст.*

***Ключевые слова:** финансовый рынок, рынок финансовых услуг, финансовые услуги, банковские услуги, инвестиции, страховые услуги, финансовые инструменты.*

*Способность рынка мобилизовать большое количество свободного капитала и работать с ним играет особую роль в формировании конкурентоспособности экономики страны. С этой точки зрения в статье автором исследован ряд вопросов, таких как: сущность, объект и субъект финансового рынка, структура финансового рынка, элементы финансового рынка, роль рынка финансовых услуг в развитии финансового рынка и т.д. Автор обосновывает, что рынок финансовых услуг является одним из важных структурных элементов финансового рынка, а качественное предоставление услуг через него обеспечивает развитие финансового рынка страны. В связи с этим, в статье автор рассмотрел структуру финансового рынка с институциональной точки зрения и высказал основные теоретические положения формирования рынка финансовых услуг как неотъемлемой части структуры финансового рынка.*

***Key words:** financial market, financial services market, financial services, banking services, investments, insurance services, financial instruments.*

*The ability of the market to mobilize a large amount of free capital and work with it plays a special role in shaping the competitiveness of the country's economy. From this point of view, the author explored a number of issues in the article, such as: the essence, object and subject of the financial market, the structure of the financial market, the elements of the financial market, the role of the financial services market in the development of the financial market, etc. The author substantiates that the financial services market is one of the important structural elements of the financial market, and the high-quality provision of services through it ensures the development of the country's financial market. In this regard, in the article the author examined the structure of the financial market from an institutional point of view and expressed the main theoretical provisions for the formation of the financial services market as an integral part of the structure of the financial market.*

Вобаста ба таъсири технологияҳои нав ба тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим, мавзӯи таҳлили бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳолати имрӯзаи он, рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо намуда истодааст. Имрӯзҳо, мо шоҳиди пайдоиш ва рушди шаклҳои нави пардохт, аз қабили ҳамёнҳои электронӣ ва пардохтҳои мобилӣ ҳастем, ки чунин ҳолат рақобатро дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ афзоиш дода, боиси зарурати таҳлил ва арзёбии доимии вазъи бозор гардидааст. Бозори хизматрасониҳои молиявӣ, дар самти мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад. Аммо, ҷанбаҳои муҳими ташаккул ва рушди бозори мазкур дар маҷмӯъ дар адабиёти илмӣ ба таври кофӣ инъикос наёфта, он асосан, аз нуқтаи назари сегментҳои бонкӣ, суғурта ва сармоягузорӣ ба таври алоҳида баррасӣ карда мешавад.

Хизматрасонии молиявӣ категорияи иҷтимоию иқтисодие мебошад, ки он бо табдили маблағҳо ба сармояи пулии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бозорҳои бонкӣ, суғурта ва сармоягузорӣ ва инчунин бо дигар хизматрасониҳои молиявӣ алоқаманд аст [3, с.185].

Хизматрасониҳои молиявӣ дорои объектҳо ва субъектҳои мушаххаси худ мебошанд. Ба сифати объектҳои хизматрасониҳои молиявӣ, қоғазҳои қиматнок, полиси суғуртавӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, қарзҳои бонкӣ ва ғайраҳо шомил мешаванд. Зеро, маҳз онҳо ба пайдоиши хизматрасониҳо ҳамчун муносибат, мусоидат менамоянд.

Субъектҳои хизматрасонии молиявӣ - иштирокчиёни бозори молиявӣ буда, ба онҳо аз як тараф истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва аз тарафи дигар ташкилотҳои молиявие, ки хизматрасонии мазкурро пешниҳод менамоянд, шомил мешаванд.

Бо мақсади муқаррар намудани моҳияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ, зарурияти муайян намудани сарҳади бозори молия ба миён меояд. Бозори молия, барои таъмини муомилот байни харидорон ва фурӯшандагони захираҳои молиявӣ пешбини гардида, дар таркиби он чунин навъи бозорҳо, аз қабили: бозори фондӣ, бозори қарз, бозори асъор ва бозори металлҳои қимматбаҳо қарор доранд (расми 1).




Расми 1. Сохтори бозори молия

Вобаста ба ин, мавриди зикр аст, ки бозори хизматрасониҳои молиявӣ бо бозори молия дар алоқамандии зич қарор доранд, ки ин алоқамандиро метавон тавассути расми зерин инъикос намуд (расми 2).




Расми 2. Унсурҳои бозори молия

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Расми 2 инъикоскунандаи он  аст, ки яке аз унсурҳои асосие, ки алоқамандии бозори молияро бо бозори хизматрасониҳои молиявӣ таъмин менамояд, ин воситаҳои молиявӣ мебошад.

Воситаҳои молиявӣ ҳуҷҷатҳои молиявӣ (ҳуҷат оиди уҳдадориҳои пулӣ, фючерсҳо, опсионҳо ва ғайраҳо) – е, ки фурӯш ва ё интиқоли онҳо имконияти ба даст овардани воситаҳои пулиро таъмин менамоянд, ба ҳисоб меравaнд [5, с.84].

Вобаста ба ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар амалияи ҳамарӯзаи хоҷагидорӣ, на худи бозори хизматрасониҳои молиявӣ, балки шаклҳои мушаххаси зуҳури муносибатҳои молиявӣ ба воситаи пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ва инчунин бо ёрии воситаҳои молиявӣ (коғазҳои қиматнок, фючерсҳо, опсионҳо ва ғайраҳо), масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки моҳияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар вазифаҳои он зоҳир мешавад, ки онҳо чунинанд:

➢ ба таври фаврӣ сармояи муваққатан озодро аз манбаъҳои гуногун сафарбар мекунад;

➢ сармояи озоди ҷамъшударо дар байни истеъмолкунандагон тақсим мекунад;

➢ самтҳои самараноки истифодаи сармояро дар соҳаи сармоягузорӣ муайян менамояд;

➢ нархҳои бозории воситаҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои ҷудогонаро вобаста ба муносибати байни талабот ва пешниҳод объективона муқаррар менамояд;

➢ байни фурӯшанда ва харидори хизматрасонии молиявӣ миёнаравии тахассусиро ба амал мебарорад;

➢ барои кам кардани хавфи молиявӣ ва тиҷоратӣ шароит фароҳам меорад;

➢ гардиши сармояро метезонад, яъне ба фаъол шудани равандҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд [5, с.86].

Дар баробари ин, бозори хизматрасониҳои молиявӣ дорои сохтори мушаххаси худ буда, фаъолияти самараноки ҳар яке аз унсурҳои таркибии он ба самаранокии фаъолияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат менамояд (расми 3).




Расми 3. Сохтори бозори хизматрасониҳои молиявӣ

Мувофиқи расми 3, яке аз қисмҳои таркибии бозори хизматрасониҳои молиявиро, бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташкил медиҳад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ бо афзоиш ёфтани нақши ташкилотҳои қарзӣ дар бозори молия, бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ба бахши нисбатан пешрафтаи бозори молиявии кишвар табдил ёфтааст. Зеро, ҳоло дар бозори молия маҳз ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун миёнарав ба аз нав тақсимкунии гардишҳои пулӣ машғул мебошанд.

Бо мақсади муқаррар намудани моҳияти истилоҳи "бозори хизматрасониҳои бонкӣ" мо ба тадқиқи адабиётҳои ватанию хориҷӣ машғул шудем. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки ҳоло ақидаи ягонае оид ба истилоҳи мазкур, вуҷуд надорад. Ин аст, ки истилоҳи мазкур аз ҷониби тадқиқотчиён бо тарзҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Масалан, В.Б. Захожай мафҳуми "бозори хизматрасониҳои бонкӣ" – ро чунин шарҳ медиҳад: "бозори хизматрасониҳои бонкӣ – соҳаи муайяни муносибатҳои молиест, ки дар он ба сифти амалиётҳои асосӣ ҷалби амонату пасандоз, додани қарз, гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ, амалиётҳои асъорӣ ва ғайраҳо шомил мешаванд" [7, с.10]. Г.Г. Карабова бошад, дар зери мафҳуми "бозори хизматрасониҳои бонкӣ", субъекти

хеле мураккаберо мефаҳмад, ки сарҳадҳои хеле васеъ дошта, он аз унсурҳои зиёд иборат мебошад. [9, с.54].

Вобаста ба ин, мо чунин андеша дорем, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ – маҷмӯи хизматрасониҳое мебошанд, ки ташкилотҳои қарзӣ онҳоро дар баробари амалиёту созишҳои бонкӣ тибқи қонунгузориҳои амалкунанда ба мизоҷон пешниҳод менамоянд.

Бояд қайд кард, ки иштирокчиёни асосии бозори хизматрасониҳои бонкиро ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд) ва мизоҷон (шахсони воқеию ҳуқуқӣ) - и онҳо ташкил медиҳанд.

Ҳоло дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷон хизматрасониҳои бонкии зеринро пешниҳод менамоянд:

1. Хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунию хазинавӣ (аз ҷумла: хизматрасониҳои хазинавӣ, мубодилавӣ, хизматрасониҳо оид ба кушодан ва идоранамоии суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъорҳои хориҷӣ ва ғайраҳо);

2. Хизматрасониҳои пасандозӣ (аз ҷумла: пасандозҳои мухлатнок ва то дархостӣ, пасандозҳо бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ва ғайраҳо);

3. Хизматрасониҳои қарзӣ (аз ҷумла: қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳои тиҷоратӣ, қарзҳо барои соҳаи кишоварзӣ, қарзҳо барои хариди хона, қарзҳо бо техникаю таҷҳизот (лизинг) ва ғайраҳо);

4. Хизматрасониҳо бо кортҳои пардохтӣ (аз ҷумла: кортҳои пардохтии дар доираи Низоми пардохтии миллӣ (КОРТИ МИЛЛӢ), байналмилалӣ (VISA ва Mastercard), кортҳои муштарак (кобрендинг) - и низомҳои пардохтии UnionPay ва НПМ баровардашуда);

5. Хизматрасониҳои миёнаравию комиссионӣ (ба монанди: нигоҳдории арзишҳо дар депозитарияҳои худӣ, бурдани реестри дорандагони қоғазҳои қиматнок, ҷойгиркунии қоғазҳои қиматноки аз ҷониби мизоҷон эмиссияшуда дар асоси супориши онҳо ва ғайраҳо);

6. Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ (ба мисли: интернет бонкинг, бонкинги мобилӣ ва ғайраҳо);

7. Хизматрасониҳои интиқолӣ (аз соли 2019 инҷониб, тамоми интиқолҳо дар доираи Маркази протсессингии Бонки миллии Тоҷикистон, амалӣ карда мешаванд) ва ғайраҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир вобаста ба зиёд шудани дараҷаи истифодаи навовариҳои бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ватанӣ, бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта истодааст. Аммо, дар борабари ин, ҳоло ҳам дар бозори мазкур баъзе аз норасоиҳо (паст будани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, паст будани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, зиёд будани тартиби ҳуҷҷатгузорӣ, зиёд будани арзиши хизматрасониҳои бонкӣ ва ғайраҳо) дида мешаванд, ки онҳо метавонанд дар фаъолияти ҷорӣ ва ояндаи ташкилотҳои қарзӣ монеаи бузургеро эҷод намоянд.

Яке аз қисмҳои дигари бозори хизматрасониҳои молиявиро, бозори суғурта ташкил медиҳад. Бозори суғурта ҷойест, ки дар он маҳсулотҳои суғуртавӣ хариду фурӯш мешаванд [2, с.5]. Молҳое, ки дар бозори суғурта пешниҳод мешаванд, хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошанд. Хизматрасониҳои суғуртавӣ метавонанд дар асоси шартнома (дар сурати суғуртаи ихтиёрӣ) ва ё дар асоси қонун (дар ҳолати суғуртаи ҳатмӣ) пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолати аз нигоҳи манфиатҳои ҷамъиятӣ зарур будани пешниҳоди хизматрасониҳо, суғурташаванда маҷбур аст, то ин ки хизматрасониҳои суғуртавиро харидорӣ намояд. Суғуртаи ихтиёрӣ бошад равиши баръаксро пеш мегирад.

Ба таркиби хизматрасониҳои суғуртавӣ метавон дохил кард:

- Суғуртаи шахсӣ;
- Суғуртаи молу амвол;
- Суғуртаи масъулият;

➢ Суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ ва ғайраҳо [12, с. 294 - 304].

Ғайр аз ин, яке аз қисмҳои сохтории бозори хизматрасониҳои молиявиро, бозори хизматрасониҳои сармоягузорӣ ташкил медиҳад. Бозори хизматрасониҳои сармоягузорӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиест, ки байни харидорону фурӯшандагони маҳсулоту хизматрасониҳои сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд [13]. Хизматрасониҳои сармоягузорӣ маҷмӯи хизматрасониҳое мебошанд, ки ба қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон ҷиҳати ҷалби захираҳои иловагӣ ва амалӣ намудани ниятҳои сармоягузории онҳо дар бозорҳои молиявӣ нигаронида шуда, мақсади ниҳоии мизоҷон дар ин бобат ин гирифтани даромади иловагӣ мебошад.

Ба хизматрасониҳои сармоягузорӣ метавон хизматрасониҳои зеринро дохил кард:

- хизматрасониҳои брокерӣ;
- хизматрасониҳои дилерӣ;
- хизматрасониҳои идоранамоии боваринок;
- хизматрасониҳои сармоягузории қарзӣ;
- хизматрасониҳои миёнаравии эмиссионӣ ва ғайраҳо.

Вобаста ба таҳлили нақши бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар сохтори бозори молиявӣ, ба чунин хулоса мумкин аст:

1. Бо мақсади баррасӣ намудани моҳияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар сохтори бозори молиявӣ зарурияти ба инобат гирифтани ҷанбаҳои иттилоотӣ ва институтсионалии он ба вуҷуд меояд. Зеро маҳз ин раванд имконият медиҳад то ҳадафи функсионалии бозори хизматрасониҳои молиявӣ ки аз рафъи номутаносибии иттилоот байни агентҳои иқтисодӣ ва ташаккули имкониятҳои нави инноватсионӣ иборат мебошад, дуруст дарк карда шавад.
2. Бозори молия барои таъмин намудани муомилоти байни харидорон ва фурӯшандагони захираҳои молиявӣ пешбини шуда, моҳияти бозори хизматрасонии молиявӣ дар он аст, ки вай шаклҳои мушаххаси ташкили ҳаракати захираҳои молиявиро тавассути механизми молиявию қарзӣ инъикос менамояд.
3. Бозори хизматрасониҳои молиявӣ маҷмӯи муносибатҳои фурӯшанда ва харидор, ки бо ёрии хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун як бахши фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар он хизматрасониҳо саравал барои мубодила ва ё хариду фурӯш коркард мешаванд, амали мегардад. Дар амалияи хоҷагидорӣ на худи бозори молиявӣ, балки шаклҳои мушаххаси муносибатҳои молиявие, ки тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ амали карда мешаванд, муҳим аст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (Қонун № 524 аз 19 майи соли 2009);
2. Ахвледиани, Ю.Т. Страхование: учебник / Ю. Т. Ахвледиани, В. В. Шахова - М.:ЮНИТИ-ДАНА, 2012. - 519 с.;
3. Гаюров Г.Х. Особенности организации и развития маркетингового потенциала в банковском секторе Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2014. № 2/3 (135). – С. 253-256.
4. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска/ Вестник ТНУ. – 2015. № 2/4 (169) – С .223-226.
5. Глотова, И.И. Финансы: учебник для обучающихся вузов по направлению "Экономика" /И. И. Глотова, Е. П. Томилина, О. Н. Углицких, Ю. Е. Клишина; СтГАУ. - 2-е изд. перераб. и доп. - Ставрополь: АГРУС, 2015. - 352 с. - (85 лет СтГАУ. Бакалавриат. Гр.УМО);
6. Давлатзода, Д. А. Совершенствование расчетно-аналитических методов посредством технологии блокчейн / Д. А. Давлатзода, С. Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 4. – С. 20-26.
7. Захожай В.Б. Анализ ринку банковських послуг / В.Б. Захожай В.Б., С.С. Герасименка: Навч.пособ.для. студ. вищ. навч. закл. - К.: МАУП, 2006. - 188 с.;

8. Инвестиционный рынок - [Манбаи электронӣ]: - Речаи дастрасӣ: https://otherreferats.allbest.ru/economy/00834960_0.html - Санаи дастрасӣ: 26.07.2023.
9. Коробова Г.Г. Банковское дело: ученик / под. ред. д-ра экон. наук, проф. Г.Г. Коробовой. - М.: Экономисъ, 2008. - 766 с.;
10. Львов, Ю. И. Банки и финансовый рынок / Ю.И. Львов. - М.: КультИнформПресс, 2014. - 528 с.;
11. Низомов С. Ф. Интеграция банковского сектора Таджикистана к мировой финансовой системе в условиях членства в ВТО / С. Ф. Низомов, Б. М. Джумьаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/7(123). – С. 27-31.
12. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ., Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз (китоби дарсӣ). - Душанбс: «Ирфон», 2010. - 352 с.;
13. Шимширт Н.Д. Роль финансового рынка в экономике: теоретические подходы // Проблемы теории и практики управления. - 2013. - N 4. - С.83-88.

## REFERENCES

1. Law of the Republic of Tajikistan "On banking activity" (Law No. 524 of May 19, 2009);
2. Akhvlediani, Yu.T. Insurance: textbook / Yu. T. Akhvlediani, V. V. Shakhova - M.: UNITY-DANA, 2012. - 519 p.;
3. Gayurov G.Kh. Features of the organization and development of marketing potential in the banking sector of the Republic of Tajikistan / G.Kh. Gayurov // Bulletin of TNU. – 2014. No. 2/3 (135). – pp. 253-256.
4. Gayurov G.Kh. Development of investment and credit activities of banks in high-risk conditions / Bulletin of TNU. – 2015. No. 2/4 (169) - pp.223-226.
5. Glotova, I.I. Finance: a textbook for university students in the field of "Economics" /I. I. Glotova, E. P. Tomilina, O. N. Uglitskikh, Yu. E. Klishina; SSAU. - 2nd ed. reworked and additional - Stavropol: AGRUS, 2015. - 352 p. - (85 years old St. State Agrarian University. Bachelor's degree. Gr. UMO);
6. Davlatzoda, D. A. Improvement of calculation and analytical methods through blockchain technology / D. A. Davlatzoda, S. F. Nizomov // Bulletin of the Tajik National University. Socio-Economic and Social Sciences Series. – 2021. – No. 4. – pp. 20-26.
7. Come in V.B. Analysis of the banking services market / V.B. Zakhozhay V.B., S.S. Gerasimenka: Basic manual for. stud. visch. navch. closing - K.: MAUP, 2006. - 188 p.;
8. Investment market - [Electronic source]: - Mode of access: https://otherreferats.allbest.ru/economy/00834960_0.html - Date of access: 26.07.2023.
9. Korobova G.G. Banking: apprentice/under. ed. Doctor of Economics sciences, prof. G.G. Korobova. - M.: Economy, 2008. - 766 p.;
10. Lvov, Yu. I. Banks and financial market / Y.I. Lvov. - M.: KultInformPress, 2014. - 528 p.;
11. Nizomov S. F. Integration of the banking sector of Tajikistan to the global financial system under the conditions of membership in the WTO / S. F. Nizomov, B. M. Dzhumaev // Bulletin of the Tajik National University. Socio-Economic and Social Sciences Series. – 2013. – No. 2/7(123). – pp. 27-31;
12. Hasanov A.R., Mirazizov A.H., Sodikov R.H. Finance and credit (textbook). - Dushanbs: "Irfan", 2010. - 352 p.;
13. Shimshirt N.D. The role of the financial market in the economy: theoretical approaches // Problems of theory and practice of management. - 2013. - N 4. - pp.83-88.